**ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ № 39**
**КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ**

## МАВЗӮҲОИ АСОСӢ:

- **Омодагӣ ба мизи мудаввари солонаи Шӯрои машваратӣ**
- **Таъсисёбии гуруҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва ташкили биржаи фондӣ**
- **Ислоҳот оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта**
- **Ҳамкорӣ бо шарикон**

## ОМОДАГӢ БА МИЗИ МУДАВВАРИ СОЛОНАИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ

Тавре, ҳамагон медонанд, Котиботи Шӯрои машваратӣ ҳарсола ба таври мунтазам доир намудани мизи мудавварро дар мавзӯи «Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – ҳамчун омили таъминкунандаи муколамаи кушод байни давлат ва бахши хусусӣ» ба роҳ мондааст.

Котибот имсол низ тасмим гирифтааст, ки мизи мудавварро дар мавзӯи қайдгардида доир намояд. Мақсади асосии ташкил намудани мизи мудаввар, пешниҳод намудани маълумоти мухтасар оид ба дастовардҳои Шӯрои машваратӣ дар соли 2013 ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти Шӯро барои соли 2014, инчунин мубодилаи афкор байни шарикон мебошад.

Дар кори мизи мудаввар намояндагони бахшҳои давлатию хусусӣ ва шарикони рушд иштирок мекунанд.

Вобаста ба ин, ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани чорабинии мазкур аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратӣ як қатор корҳои назаррас анҷом дода шудаанд.

## ТАЪСИСЁБИИ ГУРУҲИ КОРӢ ОИД БА РУШДИ БОЗОРИ ТАКРОРИИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК ВА БИРЖАИ ФОНДӢ

Бо мақсади иҷрои банди 7-и Протоколи ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани

фазои сармоягузорӣ аз 13 декабри соли 2013 дар назди Бонки миллии Тоҷикистон гуруҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ таъсис дода шуд.

Рӯзи 06 январи соли 2014 ҷаласаи якуми гуруҳи кории мазкур таҳти роҳбарии Ҷамшед Юсуфиён – муовини аввали Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, роҳбари гуруҳи корӣ гузаронида шуд.

Аъзои гуруҳи корӣ аз Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати адлия, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҷаласаи мазкур иштирок намуданд.

Дар ҷаласа самтҳои асосии фаъолияти гуруҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ муайян ва муҳокима карда шуданд. Зикр карда шуд, ки гуруҳи корӣ бояд ҷанбаҳои мухталифи рушди бозори қоғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондиро дар Тоҷикистон таҳлил намуда, тавсияҳои мушаххасро ҷиҳати рушди соҳа ба ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ пешниҳод намояд.

Лозим ба ёдоварист, ки ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ, яке аз масъалаҳои муҳиме мебошад, ки метавонад барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ва муҳайё гардонидани сармояи озод ба соҳибкорон кӯмак намояд.

Зеро ташкили бозори такрории қоғазҳои қиматнок дар замони муосир яке аз роҳҳои ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, он, пеш аз ҳама, бо масъалаи фаъол гардонидани муассисаҳои бозори фондӣ, масъалаҳои интишори саҳмияҳои ширкатҳои ватанӣ ва фуруши онҳо дар бозори фондӣ алоқамандии зич дорад.

Бозори такрории қоғазҳои қиматнок захираҳои молиявиро аз соҳаҳои каммаҳсул ба соҳаҳои нисбатан даромаднок ва афзалиятнок ҷалб ва сафарбар карда, ба ҷобаҷокунии самараноки захираҳои сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

## ИСЛОҲОТ ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА СОҲИБКОРӢ ДАР БАХШИ СУҒУРТА

Мувофиқи супориши банди 4 Протоколи ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 30 апрели соли 2013 «вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия якҷо бо вазорату идораҳои марбута, бо ҷалби бахши хусусӣ ва шарикони рушд оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта таҳлили зарурӣ гузаронида, натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба

ҷаласаҳоиояндаи Шӯро пешниҳод намоянд». Дар ин асос ҷиҳати иҷрои пурраи ин банди Протоколи ҷаласаи 11-уми Шӯро дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва бахши хусусӣ бо дастгирии шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, фаъолияти худро идома дода истодааст.

Фаъолияти гурӯҳи корӣ дар бахши суғурта ба таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба мукаммалгардонии қонунгузории бахши суғурта, рушди ҳамаи шаклҳои суғурта, баланд бардоштани рақобатпазирии ин бахш ва дар маҷмӯъ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта равона карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки гурӯҳи кории бахши суғурта фаъолияти худро аз омӯзиши ҳуҷҷати барномавии Бонки Ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои асосии бахши суғурта дар Тоҷикистон оғоз намуда, тавсияҳои дар он пешниҳодшударо нисбати фароҳам овардани имконият барои рушди рақобат дар бахши суғурта, пурзурнамоии назорати соҳа ва таъмини мустақилият ба мақомоти назоратии бахши суғурта, инчунин такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолият дар бахши суғурта мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дод. Дар баробари ин гурӯҳи корӣ бо тадқиқоти аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ гузаронидашуда маҳдуд нагардида, таҳлили бозори суғуртаи ихтиёриро низ доир намуд.

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлили бахши суғурта дар мамлакат масъалаҳои эътимоди нокифояи аҳолӣ нисбат ба ширкатҳои суғуртавӣ, норасоии мутахассисони соҳибтахассус (актуарийҳо), ҷавобгӯ набудани стандартҳои таълимӣ дар макотиби олии ҷумҳурӣ ба талаботи муосири бозори суғурта, рақобати носолим, ҷавобгӯ набудани хизматрасонии ширкатҳои суғуртавӣ ба талаботи стандартҳои байналмиллалии суғурта, сатҳи пасти пардохтпазирии ширкатҳои суғуртавӣ, мавҷуд набудани ассосиатсияи ташкилотҳои суғуртавӣ ва ташкилотҳои азнавсуғуртанамоӣ дар мамлакат, рушди нокифояи суғуртаи тиббӣ муайян карда шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар натиҷаи фаъолияти гурӯҳи корӣ ҳисоботи гурӯҳи корӣ ва дар асоси он лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғурта таҳия гардида, ба ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ пешниҳод карда мешаванд.

## ҲАМКОРӢ БО ШАРИКОН

**Рӯзи 6 январи соли 2014** миёни Завқиҷон Завқиев - Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ва Павел Лавров – Директори ҶСК “НБО Сангтуда-1” мулоқоти дуҷониба баргузор гардид.

Дар мулоқот Роҳбари Котибот ба аъзои Шӯро Павел Лавров оид ба вазифаои аъзои Шӯро дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ маълумот дод.

Ҳамзамон ҷонибҳо дар масоили беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ҷиҳати ҷалби сармоя ба соҳаи энергетикаи мамлакат мубодилаи афкор намуданд. Дар охир ҷонибҳо барои идома додани ҳамкории самаранок дар дигар самтҳои мухталиф ва имконпазир омодагии худро баён намуданд.

**Рӯзи 7-январи соли 2014** мулоқоти дуҷонибаи Завқиҷон Завқиев – Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо Кристофер Миллер – Намояндаи доимии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар рафти мулоқот Роҳбари Котибот оид ба ҷараёни фаъолияти Котиботи Шӯрои машваратӣ, дастовардҳо ва ислоҳоте, ки дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратӣ татбиқ шуда истодаанд, маълумот дод. Аз ҷумла:

- оид ба раванди шомилшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ;
- ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии мамлакат;
- пешниҳоди лоиҳаи нақша-чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм;
- беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ;
- таъсисёбии гурӯҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ дар асоси банди 7-и Протоколи ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 13 декабри соли 2013.

Инчунин оид ба гузаронидани мизи мудаввар дар моҳи феврали соли ҷорӣ мубодилаи афкор сурат гирифт.

Ҷаноби Кристофер Миллер ба дастовардҳои Шӯрои машваратӣ баҳои баланд дода, зикр намуд, ки омода аст, ки якҷо бо дигар шарикони рушд дар татбиқи ислоҳоти мазкур кӯмак расонад ва ба кори гурӯҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок коршиносро ҷалб намояд.

Дар хотимаи мулоқот ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки ҳамкориҳои судманди дуҷонибаро дар самтҳои зикргардида идома хоҳанд дод.

**Дар таърихи 14 январи соли 2014** вохӯрии намояндаи Котиботи Шӯрои машваратӣ бо Ҳамоҳангсози Лоиҳаи «Захираҳои минералӣ барои рушди Осиёи Марказӣ»-и Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ доир гардид.

Дар вохӯрӣ намояндаи Котибот оид ба ислоҳоти дар доираи Шӯро татбиқгардидаистода маълумот дод. Ҷонибҳо масъалаҳои татбиқи ҳадафҳои Лоиҳаи «Захираҳои минералӣ барои рушди Осиёи Марказӣ»-ро дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба

беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, аз ҷумла ташкили муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи истифодаи қаъри замин мавриди баррасӣ қарор доданд. Лозим ба ёдоварист, ки Лоиҳаи «Захираҳои минералӣ барои рушди Осиёи Марказӣ» барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи истифодаи қаъри замин ва дар ин замина ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ба ин соҳа, воридоти технологияҳои муосир ва баланд бардоштани тахассуси касбии мутахассисони соҳаи мазкур нигаронида шуда, дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ татбиқ карда мешавад.

Дар хотимаи мулоқот ҷонибҳо барои ҳамкориҳои минбаъда ва омода намудани мавзӯъ якҷо бо бахшҳои хусусиву давлатӣ барои баррасӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои машваратӣ омодагии худро изҳор намуданд.

**Рӯзи 17-уми январи соли 2014** вохӯрии Завқиҷон Завқиев - Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо Улф Ҳиндстром- Намояндаи доимии Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд дар Тоҷикистон (БАТР) баргузор гардид.

Дар қисмати аввали вохӯрӣ Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ ба таври мушаххас дастовардҳои Шӯроро дар соли 2013 баён намуд. Зикр гардид, ки дар соли 2013 Шӯрои машваратӣ ва Котиботи он корҳои назаррас намуда, ислоҳоти зарурӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, аз ҷумла ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм, ташкили рейтинги кредитии соҳибихтиёрии мамлакат, оид ба раванди шомилшавии Тоҷикистон ба Конвенсияи Гаага оид ба бекор намудани легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ идома доранд.

Иловатан маълумот дода шуд, ки гурӯҳи корӣ оид ба рушди бозори такрории қоғазхои қиматнок ва биржаи фондӣ дар назди Бонки миллӣ ва гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо таъсис ёфта, фаъолияти худро идома дода истодаанд. Лоиҳаҳои Нақша-чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ ба вазорату идораҳои мартуба ирсол гардид ва бо дар назардошти фикру пешниҳоди онҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод хоҳанд шуд.

Ҷониби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд ислоҳоти мазкурро хуб арзёбӣ намуданд.

Сипас, дар қисмати дуюми вохӯрӣ ҷониби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд маъулумот дод, ки Бонки мазкур кӯмаки молиявӣ ва техникии худро ба Шӯро ва Котиботи он боз ду соли дигар тамдид менамояд. Роҳбари Котибот барои дастгирии молиявӣ ва техникии БАТР, ки ба фаъолияти пурсамари Котибот мусоидат менамояд, изҳори миннатдорӣ намуд.

Дар хотимаи вохӯрӣ ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати боз ҳам тақвият доданаи ҳамкориҳои пурсамари дуҷониба изҳор намуданд.

**21 январи соли 2014** дар дафтари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ вохӯрии кормандони Котиботи Шӯрои машваратӣ бо Ҳамроев Комрон - Директории кулли ҶДММ «Суғуртаи миллӣ» баргузор гардид.

Дар вохӯрӣ масъалаҳои рушди бахши суғурта дар Тоҷикистон аз нигоҳи бахши хусусӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Диққати асосӣ дар раванди муҳокимаи масъалаҳо ба рушди суғуртаи тиббӣ ҳамчун яке аз воситаҳои дастраси аҳолӣ гардонидани хизматрасонии муосири тиббӣ дода шуд. Аз ҷониби Директории кулли ҶДММ «Суғуртаи миллӣ» таклифҳои муфид оид ба рушди ин намуди суғурта дар мамлакат пешниҳод шуд, ки аз ҷониби Котибот мавриди омӯзиш қарор хоҳанд гирифт.

Намояндагони Котибот ба иттилои роҳбарияти ҶДММ «Суғуртаи миллӣ» расониданд, ки ислоҳот дар бахши суғурта барои иҷрои банди 4-и Протоколи ҷаласаи 11-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз таърихи 30 апрели соли 2013 оид ба гузаронидани таҳлили зарурӣ ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар бахши суғура ва пешниҳод намудани натиҷаҳои он бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро оғоз гардидааст. Аз ин рӯ айни ҳол дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва бо дастгирии шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки фаъолияти худро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши суғурта амалӣ гардонида истодааст. Гуруҳи кории мазкур дар натиҷаи фаъолияти худ Ҳисобот ва лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши суғурта таҳия намуда, барои баррасӣ ба ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратӣ пешниҳод менамояд.

Дар хотимаи вохӯрӣ ҷонибҳо барои идома додани ҳамкории тарафайн ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши суғурта омодагии худро изҳор намуданд.

**Рӯзи 24 январи соли 2014** вохӯрии намояндаи Котиботи Шӯрои машваратӣ бо коршиноси масоили иқтисодӣ ва молиявии Котиботи Шӯрои рушди бизнес ва сармояи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон Рафкат Ҳасанов доир гардид.

Дар вохӯрӣ намояндаи Котибот оид ба ислоҳоти дар доираи Шӯро татбиқгардидаистода маълумот дод. Ҷонибҳо масъалаҳои рушди муколамаи давлат ва бахши хусусиро дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор доданд. Таваҷҷуҳи хоса ба таҷрибаи Тоҷикистон оид ба рушди муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи минтақавӣ, аз ҷумла таъсис ва фаъолияти шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ зоҳир гардид. Инчунин ташаккули муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои алоҳида низ мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо қарор гирифт.

Дар хотимаи мулоқот ҷонибҳо барои ҳамкориҳои минбаъда омодагии худро изҳор намуданд.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Нумон Абдуҷаборов - мушовири калони иқтисодӣ, и.в. Роҳбари Котибот***

***Дилшод Одинаев - мушовири иқтисодӣ***

***Манучеҳра Мадҷонова - мушовири иқтисодӣ***

***Сафарбӣ Файзова - ёвари маъмурӣ***